Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ омода гардидааст, пешниҳод мешавад.**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Муаллиф дар муқаддимаи автореферат ба таври муфассал мубрамияти мавзуро асоснок намуда, қайд менамояд, ки танзими меъёрии пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ дар соҳаи тиҷорати мол, иҷрои корҳо ва пешниҳоди хизматрасонӣ нақши калидиро дар нигоҳдории рақобати одилонаи бозорӣ ва ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон иҷро мекунад. Аммо воситаҳои ҳуқуқие, ки дар Тоҷикистон ба муқобили зуҳуроти инҳисорӣ истифода мешаванд, то ҳол ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд, ки зарурати таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи онҳоро таъкид мекунад. Аҳамияти омузиши масъалаҳои марбут ба маҳдуд кардани таъсири фаъолияти инҳисорӣ ва пешгирӣ аз амалияҳои рақобати бевиҷдонона аз эҳтиёҷ ба дарки хусусиятҳои низоми қонунгузории зиддиинҳисории Тоҷикистон, ошкор кардани камбудиҳои мушаххас, ки дар ҷараёни татбиқи он зоҳир мегарданд ва таҳияи пешниҳодҳо барои такмили он вобаста аст. Чунин равиш имкон медиҳад, ки самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ баланд бардошта шуда, заминаи устувортар барои рушди муҳити рақобатпазир фароҳам оварда шавад (саҳ. 4).

Дар афтореферати диссертатсия мақсади он ба таври возеҳ баён гардидааст. Вазифаҳои дар назди таҳқиқоти мазкур гузошташуда аз ҷумла: омузиш ва мушаххас намудани моҳият ва хусусиятҳои фаъолияти инҳисорӣ ҳамчун омили асосии монеи рушди рақобати солим дар бозор; таҳқиқи таркиби иштирокчиёни дар амалияҳои инҳисорӣ ҷалбшуда ва нақши онҳо дар маҳдуд кардани рақобати бозорӣ; баррасии амалҳое, ки дар доираи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ ҳамчун амалияҳои инҳисорӣ тасниф мешаванд, бо дарназардошти хусусиятҳои онҳо; ошкор ва таҳлили ҳолатҳои истифодаи ғайриқонунии мавқеи ҳукумфармоӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагӣ

дар бозорҳои мол ва хизматрасонӣ; омузиш ва муайян намудани хусусияти амалҳои мувофиқашуда, ки рақобатро байни иштирокчиёни бозор маҳдуд мекунанд; таҳқиқи равандҳои таъсис, якҷояшавӣ ё ҳамроҳшавии субъектҳои соҳибкорӣ ва таъсири онҳо ба муҳити рақобатпазир; таҳлили тартиби тақсим ё ҷудокунии маҷбурии ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳамчун воситаи танзими зиддиинҳисорӣ; таҳия ва асоснок намудани тавсияҳо барои такмили қонунгузорӣ, ки ба танзими фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол, кор ва хизматрасонӣ нигаронида шудааст, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии татбиқи ҳуқуқ ва таҳкими муҳити рақобатпазир – ба таври дахлдор иҷро гардидаанд.

Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумифалсафавии илмӣ ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқот • усулҳои диалектикӣ, низомнок ва ҷамъбасткунанда истифода шудаанд. Инчунин, усулҳои хусусии ҳуқуқӣ, аз қабили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва мантиқӣ-ҳуқуқӣ, барои таҳлил ва баррасии мафҳуми фаъолияти инҳисорӣ татбиқ гардидаанд.

Хулосаҳои баровардаи муаллиф доир ба танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили таваҷҷӯҳ ва дастгирӣ мебошад. Пешниҳоду хулосаҳои ба ҳимоя пешкашшаванда, хусусан пешниҳоду хулосаҳои №1 ва 2 қобили дастгирӣ мебошанд.

Пӯлодзода Ш.П. доир ба мавзи илмии анҷомшуда 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо ба табъ расонидааст. Хулоса ва натиҷаи кори илмии муаллиф дар нашрияҳо доир ба мавзуи таҳқиқоти кори илмӣ чоп шудаанд, ки дар раванди таълим ҳангоми гузаронидани лексияҳо ва машғулиятҳои амалӣ бо донишҷӯён истифода бурда мешаванд (саҳ. 16).

Дар таҳқиқоти мазкур ба назари мо чунин хулоса дар афтореферат баёнгардида баҳснок менамояд, ки нисбати он ибрози назар намудани муаллиф муҳим мебошад:

Муаллиф дар нуқтаи №4 барои ҳимоя пешниҳодшаванда, қайд менамояд, ки “мавқеи ҳукумфармоӣ аз ҷониби мақомоти судӣ бо дарназардошти имкониятҳои афзалиятноки субъекти хоҷагидор барои таъсир ба вазъи бозор муайян карда мешавад”. Дар ин нуқтаи пешниҳод аз тарафи муаллиф мушаххас карда нашудааст, ки судяҳо чи гуна, дар асоси кадом маҳакҳо категория “мавқеи ҳукумфармоӣ” муайян карда мешавад. Аз ин лиҳоз, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки ба ин масъала дар рафти ҳимоя равшанӣ андозад.

Бо вуҷуди эроди болозикр дар маҷмӯъ мазмуни афтореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Пӯлодзода Ш.П. кори илмии мустақилона, ба анҷом расида, аз лиҳози назариявӣ асоснокшуда мебошад. Таклифу пешниҳодҳо, инчунин хулосаҳои баёнгардида арзиши муҳими илмию амалӣ доранд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмию таҳқиқотии анҷомёфта ва дорои сохтори мукаммали мантиқӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Кори илмию таҳқиқотии мазкур аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонад дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ ва дар ҷараёни таълимии фанни «Ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи корпоративӣ ва ғ.» ба таври васеъ истифода бурда шавад. Бо назардошти гуфтаҳои боло бояд қайд намуд, ки муаллифи таҳқиқоти илмӣ Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо
дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ
ва мубориза бо коррупсияи Прокуратураи
генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3 Исмоилзода С.А.

"Имзои Исмоилзода С.А.-ро тасдиқ менамоям"
Сардори Раёсати кадрҳои
Прокуратураи генералии
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3 Рофизода М.Ҳ.

05.11.2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734043, ш.Душанбе, хиёбони А.Сино, 126. Тел: +992 (837) 236-71-40. E-mail: pg@prokuratura.tj